آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Баниӣ одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

22 августи соли 2026
Шанбе
№ 67 (15286)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Ислоҳоти энергетикӣ

## НЕРУГОҲИ БАРҚИ БОДИИ ЧОРБОҒ БА КОР ШУРЎЪ КАРД

***Неругоҳи барқи бодӣ бо иқтидори 20 МВт бар асоси лоиҳае бунёд ёфт, ки неруи бодро ба неруи барқ табдил медиҳад ва ба ин васила эҳтиёҷ ба неруи барқ дар миёни аҳолӣ коҳиш меёбад. Таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев, гуногунсозии соҳаи энергетика, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус гидроэнергетика, инчунин татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар Ўзбекистони Нав табдил ёфтааст. Дар миёни лоиҳаҳои бузурге, ки бо ин мақсад амалӣ мешаванд, неругоҳи барқи бодии Чорбоғ, ки дар ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд сохта шудааст, аҳамияти хосаро касб менамояд.***

20 август ба ин муносибат чорабинии тантанавӣ баргузор гардид. Дар он Сафири Фавқулода ва Мухтори Чин дар Ўзбекистон Юй Чун, намояндагони Палатаи савдо ва саноат ва ширкатҳои дахлдори энергетикӣ ва сохтмонӣ, муовинони раис ва кормандони масъули ҶСК «Ўзбекгидроэнерго», намояндагони ҳокимиятҳои вилояти Тошканд ва ноҳияи Бўстонлиқ иштирок карданд.

Лоиҳаи мазкур натиҷаи дурахшони шарикии стратегӣ, эътимоди мутақобила ва ҳамкории самарабахши Ўзбекистон ва Чин ба шумор меравад. Ҳукумати Чин барои татбиқи лоиҳа гранти ройгон ба маблағи 28 миллион доллари ИМА ҷудо кард. Корҳои ташкилӣ, техникӣ ва муҳандисӣ оид ба татбиқи лоиҳа аз ҷониби ҶСК «Ўзбекгидроэнерго» марҳила ба марҳила мувофиқи нақшаҳои муқарраршуда анҷом дода шуданд. Корҳои сохтмону васлкунӣ, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ, омодасозии инфрасохтори муҳандисӣ ва насби турбинаҳои муосири бодӣ пурра ба анҷом расиданд.

Дар ҳамин ҳол неругоҳи барқи бодии Чорбоғ пурра кор мекунад ва ҳамчун туҳфаи арзанда ба ҷашни азизтарин ва бузургтарин – 35-солагии истиқлолияти Ўзбекистон ба мардум нур ҳадя мекунад. Дар доираи лоиҳа чор турбинаи муосири бодӣ бо иқтидори ҳар кадоме 5 МВт насб шудааст ва қодир аст дар як сол то 50 миллион кВт/соат неруи барқи экологӣ истеҳсол кунад. Ин барои қонеъ кардани ниёзи тақрибан 20 ҳазор хонавода ба неруи барқ, кам кардани сарборӣ ба шабакаҳои барқӣ ва боз ҳам тақвият додани устувории низоми энергетикии кишвари мо хидмат хоҳад кард.

Ҳамчунин, дар натиҷаи фаъолияти неругоҳ, солона садҳо ҳазор метри мукааб гази табиӣ ва ҳазорҳо тонна ангишт сарфа гардида, ҳаҷми газҳои гулхонаӣ ба атмосфера ба таври назаррас коҳиш меёбад. Ин саҳми арзанда ба талошҳои кишвари мо ҷиҳати таъмини устувории экологӣ, кам кардани гази карбон ва иҷрои ўҳдадориҳои байналмилалии иқлимӣ мебошад.

Дар доираи чорабинӣ, корҳои эҷодии гурўҳи рассомони ҷавон – хатмкунандагони Мактаби махсуси рассомии ҷумҳуриявии ба номи Бенков, ки дар озмуни «Неругоҳи бодӣ – аз нигоҳи рассомони ҷавон» иштирок карданд, арзёбӣ ва бо туҳфаҳои арзишманд ва ифтихорномаҳои «Ўзбекгидроэнерго» сарфароз гардиданд.

**Равшан БОЙҚУЛОВ,**
**роҳбари дафтари матбуоти ҶСК «Ўзбекгидроэнерго».**

***Биналӣ ЙИЛДИРИМ:***

## БИДУНИ САФАР БА ЎЗБЕКИСТОН ДАРКИ ҶАҲОНИ ТУРКӢ, ТАЪРИХ ВА ОЯНДАИ ОН ИМКОННОПАЗИР АСТ

***Арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Туркия, собиқ Сарвазир ва раиси парлумони кишвар, раиси Шўрои оқсақолони Созмони давлатҳои туркӣ Биналӣ Йилдирим дар арафаи 35-умин солгарди Истиқлоли Ўзбекистон тавассути АИ «Дунё» ба ҳамватанони мо табрикоти самимӣ ва беҳтарин орзуҳои худро ирсол намуд.***

– Дар рўзҳои наздик давлати дўсту бародари Ўзбекистон 35-умин солгарди Истиқлоли худро ҷашн мегирад. Мо, 86 миллион нафар мардуми Туркия, дар ин рўзҳои фараҳбахш шодишарики Шумо ҳастем. Аз фурсат истифода намуда, ба бародарони ўзбек салом ва меҳру муҳаббати самимии мардуми туркро ирсол менамоям.

Ўзбекистон, ки узви муҳими Созмони давлатҳои туркӣ мебошад, солҳои охир ба пешрафтҳои азим ноил гардид. Ҳар боре ки ҳамчун раиси Шўрои оқсақолони Созмони давлатҳои туркӣ ба ин сарзамин сафар мекунам, Ўзбекистони комилан навро мебинам.

Дар Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хива, Қўқанд, Андиҷон, Наманган, умуман тамоми минтақаҳои кишвар рушду пешрафти бесобиқа ба чашм мерасад. Дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла сармоягузорӣ, иқтисодиёт, саноат, мудофиа, фарҳанг, санъат, варзиш, кишоварзӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва дигар бахшҳо натиҷаҳои назаррас ба даст меоянд.

Дар соҳаҳои металлҳои қиматбаҳо, гази табиӣ, саноати нассоҷӣ, автомобилсозӣ ва дигар бахшҳо рушди босуръат идома дорад. Соли 2025 маҷмўи маҳсулоти дохилии Ўзбекистон 7,7 фоиз афзуд. Ин на танҳо дар байни давлатҳои туркӣ, балки дар миқёси ҷаҳон низ нишондиҳандаи баланд мебошад.

Бояд гуфт, ки дар замири ин ҳама дастовардҳо иродаи қавии сиёсие қарор дорад, ки тайи солҳои охир рушду пешрафтро таъмин кардааст. Рамзи ин ирода муҳтарам Президент Шавкат Мирзиёев мебошад. Нақшаҳои стратегӣ ва ғояи «Ўзбекистони Нав», ки мавсуф пешбарӣ кардааст, қадам ба қадам амалӣ мешаванд. Мо, мардуми Туркияи бародар, ки узви СДТ аст, аз ин пешрафтҳо дар худ хушбахтии бузургро эҳсос мекунем.

Ўзбекистон аз рўйи шумораи аҳолӣ дар байни давлатҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ баъд аз Туркия дуюмин кишвари бузург мебошад. Боз як нуктаи муҳимро бояд таъкид кард: Ўзбекистон аз лиҳози ҳиссаи ҷавонон ва иқтидори аҳолии ҷавон дар ҷаҳони туркӣ пешсаф аст. Инсон худ захира аст. Ҷавонон бошанд, оянда.

Президент Шавкат Мирзиёев танҳо бо рушди иқтисодӣ маҳдуд намешавад. Алҳол ў санги асоси марказҳои муҳим ва бузургеро мегузорад, ки ба насли ҷавон рушди тамаддунии халқҳои туркро аз таърихи қадим то имрўз муаррифӣ хоҳанд кард.

Дар корҳои созандагии Бухоро, симои нави маҷмааи Имом Бухории Самарқанд, инчунин дар ҷараёни боз ҳам ободу зебо намудани шаҳри Хива арзишҳои бузурги тамаддуни туркиву исломӣ дубора инъикос меёбанд. Бахусус, Маркази тамаддуни исломӣ дар Ўзбекистон иншооти беҳамтову дар ҷаҳон беназир аст.

Моҳи июни соли ҷорӣ дар Фестивали байналмилалии мақом, ки дар Намангон баргузор шуд, инчунин дар чорабиниҳои байналмилалии «Пойтахти фарҳангии ҷаҳони туркӣ – 2026» дар Андиҷон иштирок кардам. Ҳар боре ба ин кишвар меоям, албатта як навгониро гувоҳ мешавам. Зимни сафари охиринам ба водии Фарғона дигаргуниҳоро дида, хеле шод шудам. Дар Намангон суханронии Президентро шунида, бори дигар ба саъйу талошҳое, ки ҷиҳати рушди санъат ва эҳёву ҳифзи арзишҳои миллӣ ва маънавӣ амалӣ мегарданд, шоҳид гардидам.

Ман дар вохўриву чорабиниҳое, ки дар Туркия баргузор мешаванд, ҳамеша Ўзбекистонро тарғиб менамоям. Ба ҳама «Сарзамини аҷдодиямон Ўзбекистонро рафта тамошо кунед!», мегўям. Ҷавонони мо бояд ба Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Намангон ва Андиҷон сафар карда, таърихи ғанӣ ва арзишҳои онҳоро бо чашми худ бубинанд.

Бахусус, Маркази тамаддуни исломиро, ки бо ташаббуси Президент дар Ўзбекистон қад афрохтааст, ҳар як ҷавони ҷаҳон туркӣ бояд ҳатман бубинад. Дар ин боргоҳи муаззам таърихи халқҳои турк аз замони пеш аз ислом ва ҳам пас аз пазируфтани дини муқаддас бо шаҳомати хос ба намоиш гузошта шудааст. Технологияҳои муосир низ бамавқеъ ва бо маҳорати баланд истифода шудаанд. Бидуни сафар ба Ўзбекистон дарки ҷаҳони туркӣ, таърих ваояндаи он имконнопазир аст.

Ҳамеша таъкид ва тарғиб мекунам, ки эҳтироми тавоҷҷуҳ ба калонсолон ва нуронийёнро бояд аз Ўзбекистон омўзем. Ин мамлакат сарзаминест, ки анъанаҳои қадимаи туркӣ – ниҳоди маҳалла ва мақоми оқсақолонро ҳифз намуда, онҳоро ба наслҳои оянда мерасонад.

Бинобар ин, ҳамчун шаҳрванди Туркия ва раиси Шўрои оқсақолони Созмони давлатҳои туркӣ, ба Ҷаноби Олӣ, Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев миннатдории самимӣ ва эҳтироми амиқи хешро баён менамоям. Мо аз талошҳои мавсуф дар роҳи таъмини шукуфоӣ ва рушди Ўзбекистон, беҳбудии рўзгори мардум ва бародарие, ки нисбат ба давлатҳои туркӣ зоҳир мекунанд, бениҳоят мамнунем.

Худо хоҳад, мо даст ба даст дода, паҳлуи ҳам истода, барои наслҳои оянда ҳамчун яке аз муҳимтарин ва бонуфузтарин ҷомеаҳои ҷаҳон талоши муштаракро идома хоҳем дод.

Бори дигар мардум ва Президенти Ўзбекистонро ба муносибати 35-умин солгарди Истиқлол самимона табрик мегўям.

Бигзор, Истиқлолияти шумо пойдор бошад! Ба сулҳу оромӣ ва фаровонии мамлакат чашм нарасад!

Бигзор, Офаридгор ҳамаи моро тўли солҳо дар роҳи қадамзанӣ ҷониби комёбию пешрафт ва сўи фардои дурахшон мададгор бошад.

**АИ «Дунё»,**
шаҳри АНҚАРА.



## КОРХОНАИ МУОСИР БО ЗАНҶИРИ ПУРРАИ ИСТЕҲСОЛӢ

***Дар ҷое, ки илм ҳаст, рушд ҳаст ва дар ҷое, ки меҳнат ҳаст муваффақият ҳаст. Технологияи муосир ба истеҳсолот суръат ва самаранокӣ мебахшад, мутахассиси соҳибихтисос бошад, ба сифати маҳсулот кафолат медиҳад. Дастгирии давлат ғояи соҳибкорро ба лоиҳаи бузург ва меҳнати ўро ба натиҷаҳои баланд табдил медиҳад. Мисоли равшани инро дар фаъолияти ҶММ «Avilon Kokand», ки таҳти роҳбарии соҳибкор Иброҳим Инъомҷонов дар шаҳри Қўқанд фаъолият мекунад, дидан мумкин аст.***

*Корхона фаъолияти худро соли 2010 оғоз намуда, имрўз ба як маҷмааи муосири саноатӣ бо занҷири пурраи истеҳсолӣ табдил ёфтааст. Дар ин ҷо аз ришта маҳсулоти тайёри бофандагӣ истеҳсол карда мешаванд. Дар натиҷаи таваҷҷуҳи махсус ба сифати маҳсулот, корхона иқтидори истеҳсолии худро васеъ карда, дар минтақаи озоди иқтисодии «Қўқанд» воқеъ дар ноҳияи Учкўприк як коргоҳи муосири дўзандагӣ таъсис додааст.*

*Айни замон маҳсулоти истеҳсолии «Avilon Kokand» ба бозорҳои Русия, Юнон, Қирғизистон ва Қазоқистон содир карда мешаванд.*

*Қобили зикр аст, ки дар паси ҳар як маҳсулоти бофандагии истеҳсолшуда меҳнат, масъулият ва заҳмати садҳо нафар кормандони корхона меистад. Муҳимтар аз ҳама, ин меҳнат на танҳо ба рушди корхона, балки ба рушди устувори саноат ва иқтисоди минтақа низ хидмат мекунад.*

***Дар сурат:*** *лавҳа аз фаъолияти ҶММ «Avilon Kokand».*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

## ПРЕЗИДЕНТИ ОЗАРБОЙҶОН БО САФАРИ ДАВЛАТӢ БА ЎЗБЕКИСТОН МЕОЯД

***Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев 23–24 август бо сафари давлатӣ ба кишвари мо ташриф меорад.***

Дар шаҳри Тошканд баргузории музокироти сатҳи олӣ ва ҷамъомади сеюми Шўрои олии байнидавлатӣ таҳти раёсати роҳбарони Ўзбекистон ва Озарбойҷон ба нақша гирифта шудааст.

Дар рўзномаи ҳамоиш масъалаҳои рушд ва тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Ўзбекистон–Озарбойҷон ҷой гирифтаанд.

Масоили афзунсозии ҳаҷми гардиши мол, амиқтар намудани ҳамкории байни доираҳои соҳибкорӣ ва минтақаҳо, истифодаи босамари имкониятҳои соҳаи нақлиёту транзит ва идомаи мубодилаи фаъоли фарҳангию гуманитарӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор хоҳанд гирифт.

Сарони давлатҳо инчунин аз рўйи паҳлуҳои муҳими сиёсати байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуда, масъалаҳои ҳамкориро дар доираи сохторҳои бисёрҷониба муҳокима хоҳанд кард.

Дар анҷоми музокирот имзои бастаи муҳими ҳуҷҷатҳо ва ба кор даровардани як қатор лоиҳаҳои иқтисодиву гуманитарӣ дар назар аст.

Бояд гуфт, ки тўли ин рўзҳо дар Ўзбекистон форуми минтақаҳои ду кишвар ва дигар чорабиниҳои муштарак баргузор мегарданд.

**ЎзА.**

## РУШДИ СОДИРОТ ВА ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ

***Баровардани маҳсулоти ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ, афзоиши ҳаҷми содирот ва аз худ намудани бозорҳои нав аз самтҳои муҳими рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ба шумор меравад.***

Солҳои охир бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи роҳбари давлат дар вилояти Самарқанд низ ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ гардида, барои рушди истеҳсолот ва тавсеаи имкониятҳои содиротӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Дар шароити рақобатпазири бозори ҷаҳонӣ сифати маҳсулот ва мутобиқати он ба стандартҳои байналмилалӣ яке аз шартҳои асосии муваффақият дар бозорҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Танҳо дар шаш моҳи соли ҷорӣ аз вилояти Самарқанд ба кишварҳои Аврупо ба маблағи 17 миллион доллар маҳсулот содир шудааст. Ҳаҷми содирот дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 15 дарсад афзоиш ёфтааст.

Дар ҳамин замина, густариши ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ низ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Ҳоло ҳайати вилояти Самарқанд таҳти роҳбарии ҳокими вилоят Адиз Бобоев дар Ҷумҳурии Беларус бо сафари расмӣ қарор дорад. Зимни ин сафар масъалаҳои таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, маҳаллисозии истеҳсоли ғизои кўдакона, хариди техникаҳои пуриқтидори кишоварзӣ ва дигар самтҳои ҳамкорӣ баррасӣ мешаванд.

Дар шаҳри Минск ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев бо раиси Раёсати «Белинвестбанк» мулоқот анҷом дод. Дар ҷараёни суҳбат дурнамои густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҳамчунин мулоқоти ҳокими вилоят бо муовини вазири кишоварзӣ ва озуқаворӣи Ҷумҳурии Беларус Виталий Кулак баргузор гардид. Ҷонибҳо масъалаҳои рушди робитаҳои мустақими истеҳсолӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки аграриро баррасӣ карда, дар натиҷа як қатор созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расониданд.

Чунин ташаббусҳо барои густариши робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҷалби сармоя ва афзоиши истеҳсолот имкониятҳои бештар фароҳам меоранд. Дар ниҳоят, рушди босуръати иқтисодиёт ва татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд гардидани даромади аҳолӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат хоҳад кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Ҳоло дар вилояти Самарқанд беш аз 4 миллиону 400 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ки қариб 30 фоизи онҳоро ҷавонони аз 14 то 30-сола ташкил медиҳанд.***
***Аз 16 то 21-уми июл гурӯҳи кории Ҷумҳурӣ ба вилояти Самарқанд ташриф оварда, ҳолати кор бо ҷавононро ҳаматарафа омӯхтанд.***

# ҶАВОНӢ – ФАСЛИ ҶАСОРАТУ ТАШАББУСКОРӢ ВА САЙҚАЛИ ИСТЕЪДОД

– Фаъолияти асосии гурӯҳи корӣ, – гуфт сардори садорати Агентии кор бо ҷавонони вилояти Самарқанд Шерзод Раҳмонов, – сари вақт муайян намудани муаммоҳои сарбаста ва бартараф кардани онҳо, хосатан бо меҳнати фоиданок таъмин кардани хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ, ҷалб кардани онҳо ба касбомузӣ, соҳибкорӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва корбарӣ бо тоифаи «душвор», яъне қонуншикан, гарданшах, якрав буд.

Дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд 340 вохӯрӣ ва чорабиниҳои судбахши сайёр баргузор гардид, ки беш аз шаш ҳазор нафар ҷавонон ширкат варзиданд. Аз писарону духтарон 800 шикояту ариза расид, ки 465-то дар ҷояш ҳаллу фасл шуд.- Ҷавонон дар масъалаи таҳсил, варзиш, фарҳанг, истироҳату фароғат муроҷиат намуда, баъзе аз онҳо ба ҳисоб гирифта шуд. Дар муддати кӯтоҳ бо ташкилотҳои дахлдор ҳалли худро пайдо мекунанд. Вобаста ба масъалаи аз хориҷа омадани ҷавонон барномаи махсус қабул карда шуд. Ҳангоми ҷараёни сӯҳбат пешниҳод карда шуд, ки барои онҳо соҳибкорон як ҳазору 529 ҷойҳои корӣ пайдо мекунанд.

**– Шерзодҷон, аз идораи омори давлатӣ иттилоъ доданд, ки имсол мактаби миёнаро 52 ҳазор нафар, омӯзишгоҳро 21 ҳазор нафар, мактабҳои олиро 35 ҳазор нафар хатм кардаанд. Магар ҳамаи онҳо бо корҳои фоиданок машғул ҳастанд?**

– Пас аз ташрифи гурӯҳи кории Ҷумҳурият мо муайян кардем, ки дар корхонаҳои давлатӣ 3473 ҷойи холӣ мавҷуд. Маҳз бо кумаку дастгирии идораи мо аллакай беш аз 600 нафар писарону духтарон бо меҳнати фоиданок машғул мебошанд. Боз 288 нафар ҷавонон дар асоси барномаҳои «Бизнеси ҷавонон», «Қадам ба оянда», «Соҳибкории оилавӣ» фаъолият хоҳанд бурд. Барои соҳибкорӣ тавассути бонкҳои гуногун 7,5 миллиард сӯм ҷудо шудааст. Мо 73 нафар соҳибкоронро дастгирӣ намуда, барои онҳо 2 миллиард сӯм маблағ ҷудо кардем.

Дар омади гап таъкид намуд, ки мушкилоти 1 ҳазору 398 соҳибкори ҷавон омӯхта шуд. 30-уми июни соли равон дар Рӯзи ҷавонон сарвари давлатамон бо ҷавонон вохӯрӣ гузаронида, ҳангоми суҳбат якчанд таклифу пешниҳодҳои ҷолиби диққатро гуфтанд. Масъалаҳои муҳим – соҳиби илму маърифат, таълиму тарбия, фарҳангу ҳунар, варзиш ва истироҳату фароғати ҷавонон ва ғайра баррасӣ қарор гирифт. Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд таъсиси 16 китобхонаи оммавӣ, 14 маҷмӯаи варзишӣ, 20 майдонҳои гуногун барои машғул шудан бо стритбол, воркаут ва дигар намудҳои варзиш ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дар маҳаллаҳо гузаронидани озмунҳои мутолиаи китобҳои бадеӣ ба анъанаҳои миллӣ табдил ёфт.

**– Шерзодҷон, ба фикри шумо ҷавонӣ чист ва вазифаҳои онҳо аз чиҳо иборатанд?**

– Нависандаи бузурги турк Нозим Ҳикмат навиштааст, ки ҷавонӣ – ин орзу, боварӣ, талош барои ҷасорат, лирика ва романтика. Ин – нақша барои оянда, оғози истиқбол. Боиси хушнудист, ки бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи Президенти мамлакат барои амалӣ шудани ниятҳои неки мо – ҷавонон тамоми шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Мо бояду шояд бароиояндаи дурахшони Ӯзбекистони Нав, барқарорсозии Эҳёи Саввум ҷоннисору фидоӣ шуданамон ҳам қарзу ҳам фарз.

Аз фурсат истифода бурда, ҳамсолони худро бо иди аз ҳама бузург ва муқаддас – 35 солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон табрикоти самимона гуфта, комёбиҳои нав ба нав таманно дорам!

Мусоҳиб

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Эътироф*

# МЕҲНАТ, НАВОВАРӢ ВА ЭЪТИРОФИ ДАВЛАТӢ

***Тибқи Фармони Президент барои саҳми арзандаашон дар рушди кишвар, фаъолияти пурсамар ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ як қатор ҳамдиёронамон бо ордену медалҳои давлатӣ сарфароз гардиданд. Хурсандиовар аст, ки дар қатори онҳо фарзанди Чуст, таъсисгари корхонаи хусусии «Чуст текстил» Ҷамшед Исматуллоев низ бо ҷоизаи олии давлатӣ – ордени «Дӯстлик» қадрдонӣ гардид.***



Ислоҳоти истиқлол рӯҳияи соҳибкориро дар қалби чустиён, ки соҳибкориву ҳунармандӣ дар вуҷудашон решаҳои амиқ дорад, боз ҳам афрӯхт. Корхонаҳои хурду хусусӣ, ки аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ таъсис меёбанд, ҳоло бо маҳсулоти рақобатпазири худ дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол мекунанд.

Корхонаи «Чуст текстил», ки маҳсулоти истеҳсолкардаашро ба якчанд давлати хориҷӣ содир мекунад, имрӯз нафақат дар вилоят, балки дар миқёси ҷумҳурӣ ҳамчун як корхонаи пешрафта мешиносанд.

Таъсисгари корхона Ҷамшед Исматуллоев ҳамчун соҳибкори таҷрибанок, саховатпеша ва роҳбари ғамхор фаъолият мебарад. Ӯ дар тӯли солҳо дар байни мардум бо ростқавлӣ, фидокорӣ, серталабӣ нисбат ба зердастон, ғамхорӣ ба кормандон, инчунин фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ эҳтиром ва таваҷҷуҳи зиёд пайдо кардааст.

Дар натиҷаи кори доимии эҷоди навовариҳо, инчунин интизоми қатъии меҳнат ва талаботи баланд нисбат ба сифати истеҳсолот дар муддати кӯтоҳ ба қатори корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ ворид гардид. Дар соли 2010 шумораи кормандон 78 нафар буд, имрӯз онҳо ба 1800 нафар расиданд.

Соли 2019 бар асоси пешниҳоду ғояи Ҷамшед Исматуллоев дар Чуст гулзори бо услуби «Каркассиз ангар» боз як филиали бофандагӣ ва рангкунии матоъ сохта шуд ва фаъолияти худро оғоз кард, ки равандро аз бофтани матоъ то истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар бар мегирад.

Ҳоло маҳсулоти тайёри бофандагӣ низ 100 фоиз ба давлатҳои хориҷӣ содир мешавад.

Бо сафаре, ки Президент соли 2021 ба Намангон омада буд, бо фаъолияти корхонаи хусусии «Чуст текстил» шинос шуд. Дар рафти боздид Ҷамшед Исматуллоев ғояи инноватсионии худро дар бораи усули нави «Ангари бе чорчӯба» пешниҳод кард. Бо гуфтаи таъсисгар, ин усул хароҷоти хеле кам талаб мекунад ва ба шамолҳои сахт, барф ва заминларза тобовар буда, нисбат ба сохтмони анъанавӣ 3-4 маротиба тезтару арзонтар аст.

Президент ба ин усули кор баҳои баланд дода, ба масъулон супориш дод, ки ин таҷрибаро дар саросари кишвар маъмул гардонанд. Чунки аз ҳисоби сарфакорӣ дар корҳои сохтмонӣ арзиши маҳсулот 8-10 фоиз коҳиш меёбад ва афзоиши бозорёбӣ, дастрасӣ ва рақобатпазирӣ бо мисолҳо асоснок карда шуд.

– Рушди соҳибкорӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди тиҷоратӣ барои бахши хусусӣ ва дастгирии ташаббусҳои нав яке аз сиёсати муҳими давлатӣ дар Ӯзбекистон ба шумор меравад, – мегӯяд соҳибкор. – Вохӯрӣ бо Сарвари давлат, инчунин аз дасти пешво мукофот гирифтан, ин орзуи ҳар як инсон аст. Дар кишварамон соҳае нест, ки аз назари Президент монда бошад. Мулоқоте, ки бо соҳибкорон гузаронида шуд, барои мо як воқеаи бузурги фаромӯшнашаванда гардид. Дар ин мулоқот ташаббусҳои муҳиме пешниҳод карда шуданд, ки ба дастгирии намояндагони тиҷорат, фароҳам овардани шароит ва имкониятҳо, бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва якчанд масъалаҳои муҳим нигаронида шуд. Аз имкониятҳои фароҳамшуда босамар истифода бурда, бо дониш, таҷриба ва ташаббусҳои нав дар рушди иқтисодиёт саҳми муносиби худро мегузорем. Лоиҳаҳои нави сармоягузориро ба амал татбиқ намуда, истеҳсоли маҳсулоти содиротбобро зиёд мекунем ва ҷойҳои нави корӣ таъсис менамоем.

– Солҳое, ки дар фабрикаи масолеҳи миллии Чуст кор мекардам, орзу доштам, ки рӯзе соҳиби чунин корхона шавам. «Нияти нек – ними давлат» мегӯянд дар урфият. Шукри Худо, маҳз ба туфайли истиқлол фарзандонам орзуямро ба амал бароварданд, – мегӯяд модараш Муқаддасхон Зиёваддинова. – Вақте ки 5 сол пеш сазовори ордени «Меҳнат фахрийси» шуда будам, боз ба ин амиқтар боварӣ кардам, ки дар Ӯзбекистон касе меҳнат мекунад, беэътибор, берағбат намемонад. Ҳамчун модари соҳибкор маро низ эҳтиромам карданд. Писари калонам Дилшодҷон низ соли 2021 соҳиби унвони «Ўзбекистон Республикасида хизмат кўрсатган ихтирочи ва ратсионализатор» гардид. Ман боз аз ин хурсанд шудам, ки писари хурдиам Ҷамшед низ аз дасти Президент мукофоти олӣ гирифт. Ин эътироф ва эътибор барои корҳои камтаронаи ӯ дода шуд. Муваффақиятҳои фарзандон ба модар мукофоти аз ҳама олӣ аст. Мулоқоте, ки бо соҳибкорон баргузор шуд, тавассути телевизор тамошо кардам. Ягон ҷиҳати соҳибкорӣ намонд, ки эътибор дода нашуда бошад.

Дар ҳақиқат, имрӯз соҳибкор на танҳо неруи пешбарандаи иқтисодиёт, балки ташаббускори фаъоли корҳои иҷтимоӣ низ мебошад. Яке аз хислатҳои неки Ҷамшед ин аст, ки дар корҳои хайр фаъолона иштирок карда, пайваста ба ятимон, маъюбон ва пиронсолони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ кумак мерасонад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# ДАР НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

## ҷарима то даҳ баробар зиёд мешавад!

***Солҳои охир дар мамлакат ҷиҳати навсозии низоми нақлиёти ҷамъиятӣ корҳои шоёни таҳсин амалӣ гардиданд. Дар хатсайрҳо ҳаракати автобусҳои муосиру бароҳат ва дорои имкониятҳои зарурӣ роҳандозӣ шуданд.***

Муҳимтар аз ҳама, бо мақсади ба роҳ мондани низоми мақбул, пешгирӣ аз тамбашавии роҳҳо, инчунин, кам кардани омили инсонӣ дар раванди хидматрасонӣ, дар пойтахт ва якчанд шаҳри дигари кишвар аз хидмати кондукторон даст кашида, пардохт пурра ба низоми электронӣ ва валидаторҳо гузаронида шуд.

Бояд гуфт, ки ин ислоҳот барои мусофирон шароити хубу мусоид фароҳам овардааст. Аммо, мутаассифона, дар байни мусофирон тоифае низ ёфт мешаванд, ки аз ин имкониятҳо барои манфиати худ истифода бурда, эътимодро сӯиистифода мекунанд ва масъулияти пардохти роҳкироро нодида мегиранд.

То чӣ андоза нигаронкунанда ва ҷиддӣ будани вазъиятро аз рақамҳо ва омори мушаххас низ пай бурдан мумкин аст. Бино ба маълумоти Наврӯз Ашурматов, роҳбари Хидмати матбуоти Вазорати нақлиёт танҳо дар 7 моҳи аввали соли ҷорӣ дар ҷараёни рейду санҷишҳои мунтазам, беш аз 82 ҳазор ҳолати дар нақлиёти ҷамъиятӣ бе пардохти роҳкиро ҳаракат кардани мусофирон ошкор гардида, аз қонуншиканон зиёда аз 2 миллиард сӯм ҷарима ситонида шудааст.

– Мувофиқи пешниҳодҳои наве, ки Вазорати нақлиёт ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис тақдим кардааст, миқдори ҷарима ва талаботи назоратӣ нисбат ба онҳое, ки дар нақлиёти ҷамъиятӣ бидуни чипта ҳаракат мекунанд, пурзӯр карда мешавад, – иброз дошт Н.Ашурматов. – Яъне, аз 1 сентябри соли ҷорӣ ҷазои молиявӣ барои саркашӣ аз пардохти роҳкиро хеле сахттар мегардад: ҳангоми бори аввал ошкор шудани чунин қонуншиканӣ ба андозаи ним баробари миқдори ҳисоби базавӣ (МҲБ), яъне 220 ҳазор сӯм ҷарима таъин мегардад. Агар чунин ҳолат такроран содир шавад, ҳаҷми ҷарима ба як баробари МҲБ, яъне 440 ҳазор сӯм расонида мешавад.

Бино ба таъкиди масъули соҳа, то ҳол мувофиқи моддаи 144-уми Кодекс дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ, ки «Ҳаракати бидуни чипта дар нақлиёт» унвон дорад, барои бе пардохти роҳкиро дар троллейбус, трамвай, автобусҳои дохилишаҳрӣ ва атрофишаҳрӣ, таксиҳои сайрхат сафар кардан, ба андозаи аз даҳ як ҳиссаи миқдори ҳисоби базавӣ, яъне 41200 сӯм ҷарима таъин мегардид. Акнун миқдори ҷарима то даҳ баробар зиёд карда мешавад.

Илова бар ин, аз 1 сентябр як қоидаи муҳими нав ҷорӣ мегардад: ҳар як мусофир баробари ворид шудан ба автобус бояд фавран ҳаққи роҳро тавассути корт ё тариқи онлайн пардохт намояд. Ҳангоми санҷиш ва рейдҳо дигар ягон баҳона ё сабаб ба инобат гирифта намешавад.

Набояд фаромӯш кард, ки нақлиёти ҷамъиятӣ моли умумӣ ва яке аз василаҳои муҳими таъмини роҳати шаҳрвандон ба шумор меравад. Аз он истифода намуда, аз пардохти роҳкиро саркашӣ кардан, на танҳо қонуншиканӣ, балки беэҳтиромӣ ба манфиатҳои умумӣ ва нисбат ба ҳамватаноне мебошад, ки ҳаққи роҳро аз рӯйи виҷдон ва сари вақт пардохт мекунанд.

Аз ин рӯ, ҳар яки мо бояд тартибу талаботи наверо, ки аз оғози моҳ мавриди амал қарор мегиранд, дуруст дарк намуда, пардохти саривақтии роҳкироро на танҳо як талаботи қонун, балки вазифаи шаҳрвандии худ бидонем.

**Ф. ЙЎЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар ноҳияи Чимбойи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон корҳои марбут ба рушди соҳаи чорводорӣ дар асоси усулҳои муосир, такмили зотпарварӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ пайваста амалӣ мешаванд. Дар ин самт фаъолияти хоҷагии фермерии «Shimbayli Mirzabek Sharua» қобили қайд аст. Масоҳати умумии заминҳои хоҷагии фермерӣ 203 гектарро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 123,1 гектар чарогоҳ, 13,2 гектар алафзор буда, қисми боқимонда заминҳои кишоварзӣ мебошанд. Айни замон дар хоҷагӣ зиёда аз 100 сар чорвои калони шохдор, беш аз 40 сар шутур ва 8 сар асп парвариш карда мешавад. Соли ҷорӣ аз Гурҷистон бо истифода аз маблағҳои имтиёзноки қарзӣ, ки ба хоҷагӣ дар асоси имкониятҳои дастгирии молиявии фароҳамовардаи давлат ҷудо карда шудаанд, 450 сар гӯсфанди зоти гӯштӣ ворид карда шуд. Ин иқдом ба зиёд намудани саршумори зотҳои сермаҳсул, рушди соҳаи истеҳсоли гӯшт ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот мусоидат мекунад.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# МАОРИФ – ПУЛИ ДӮСТИИ МОСТ

***Забони модарӣ танҳо воситаи гуфтугӯ нест. Он ҳофизаи таърихӣ, тарзи тафаккур, ҷаҳони маънавӣ ва пайванди инсон бо гузаштагони худ аст. Маҳрум гардидани кӯдак аз имкони омӯзиши забони модарӣ метавонад робитаи ӯро бо фарҳанг ва мероси миллиаш заиф созад.***

Таҳсил ба забони модарӣ набояд монеи ҳамгироӣ бошад. Баръакс, инсон вақте забон ва фарҳанги худро хуб медонад, фарҳангу забони дигаронро низ бештар эҳтиром мекунад.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба шаҳри Турсунзода ва ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 21 ба масъалае мисли ин нуктаҳо таваҷҷуҳ намуд, ки на танҳо аҳамияти таълимӣ, балки мазмуни амиқи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дорад.

Сарвари давлат ба масъулини соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ва шаҳр дастур дод, ки бо назардошти эҳтиёҷи аҳолии ӯзбекзабони шаҳри Турсунзода муассисаҳои таълимии ӯзбекӣ бунёд карда, онҳоро бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ ба забони модариашон таъмин намоянд.

Дастури мазкур танҳо супориш барои бунёди чанд муассисаи таълимӣ набуда, моҳияти он фаротар аз бунёди бинои мактаб аст. Ин иқдом ифодаи равшани сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз миллату забон, фароҳам овардани шароит барои омӯзиши забони модарӣ ва рушди фарҳанги миллатҳои сокини кишвар мебошад.

Дастури Президенти Тоҷикистон метавонад заминаи таҳияи як барномаи фарогири ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соҳаи маориф гардад. Дар доираи он метавон табодули китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ, омода кардани омӯзгорон, ташкили курсҳои такмили ихтисос, вохӯриҳои муаллифони китобҳои дарсӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимиро роҳандозӣ намуд.

Ҳадаф набояд танҳо нигоҳ доштани номи мактаб бошад. Муҳим он аст, ки кӯдак воқеан ба забони модарӣ таълими босифат гирад, китобҳои нав дошта бошад, омӯзгораш аз усулҳои муосир истифода барад ва баъди хатми мактаб барои идомаи таҳсилу интихоби касб имкониятҳои баробар пайдо кунад.

Дастури роҳбари Тоҷикистон дар бораи бунёди мактабҳои ӯзбекӣ ва таъмини онҳо бо китобҳои дарсӣ ба забони модарӣ маҳз аз ҳамин ҷаҳонбинӣ сарчашма мегирад. Ин иқдом ба ҳар шаҳрванди ӯзбекзабони Тоҷикистон паём медиҳад, ки забон, фарҳанг ваояндаи фарзандонаш барои давлат муҳим аст.

Дӯстии давлатҳо аз санадҳои расмӣ, ки байни ҳукуматҳо ба тасвиб расидааст, оғоз мешавад, аммо дар қалби мардум тавассути забон, фарҳанг ва мактаб пойдор мегардад. Ҳар китобе, ки кӯдак ба забони модариаш мехонад, ҳар дарсе, ки эҳтироми миллатҳои дигарро меомӯзонад ва ҳар мактабе, ки дари худро ба рӯйи гуногунрангии фарҳангӣ боз мекунад, сармоягузорӣ ба сулҳ ваояндаи муштарак аст.

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
**журналист.**
*ТОҶИКИСТОН.*

*Нишасти матбуотӣ*

# АГЕНТИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ БА ЧӢ НАТИҶАҲО НОИЛ ГАРДИД?

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бахшида ба натиҷаҳои кори Агентии рушди инноватсионӣ дар нимсолаи аввали соли 2026 нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

Дар он масъулини созмон, мутахассисон, олимон иштирок карданд. Дар чорабинӣ оид ба корҳои анҷомдодашуда дар самти рушди илм ва инноватсия, тайёр кардани кадрҳои илмӣ, дастгирии олимони ҷавон, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи таҳаввулоти илмӣ дар амалиёт маълумот пешниҳод карда шуд.

Дар нишаст директори агентӣ Асрор Норов қайд кард, ки дар нимаи аввали соли 2026 дар самти дастгирии фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ як қатор натиҷаҳои муҳим ба даст оварда шуданд.

– Дар нимсолаи аввали сол мо ба дастгирии фаъолияти илмӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардем. Дар доираи барномаҳои давлатӣ 17 озмун баргузор гардид. Онҳо 1012 дархости лоиҳавӣ гирифтанд. Дар натиҷаи озмунҳо қарор қабул карда шуд, ки 202 лоиҳаи илмӣ бо арзиши умумии 395,5 миллиард сӯм маблағгузорӣ карда шаванд.

Масъалаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ низ дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор дошт. Дар раванди қабул ба таҳсилоти олии касбӣ аз 42 776 довталаб дархостҳо гирифта шуданд ва аз ин шумора 16 045 нафар қабул карда шуданд. Айни замон шумораи муҳаққиқоне, ки ба корҳои илмӣ машғуланд, 42 037 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, дастгирии олимони ҷавон ва ворид шудани онҳо ба муҳити илмии байналмилалӣ барои мо хеле муҳим аст. Барои ин мақсад, 7 озмуни мақсаднок барои ташкили таҷрибаомӯзии кӯтоҳмуддати илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии пешбари Сингапур, Озарбойҷон, ИМА, Корея, Олмон ва Италия эълон карда шудаанд.

Дар ҳамкории байналмилалӣ низ қадамҳои муҳим гузошта шудаанд. Дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ӯзбекистон, байни оҷонсии мо ва Оҷонсии инноватсия ва технологияи рақамии назди Президенти Тоҷикистон ёддошти ҳамкорӣ ба имзо расид.

Мо, инчунин, лоиҳаҳои амалиро дар соҳаи кишоварзӣ тақвият медиҳем. Аз ҷумла, бо ҳамкории Маркази байналмилалии био-кишоварзӣ дар шароити шӯрзаминӣ (ICBA)-и Аморати Муттаҳидаи Араб, дар Қароқалпоқистон лоиҳае барои рушди малакаҳои деҳқонон ва соҳибкорони кишоварзӣ дар коркард ва тиҷоратикунонии маҳсулоти кишоварзӣ амалӣ карда мешавад. Мо нақша дорем, ки дар доираи ин лоиҳа 200 нафар фермер ва соҳибкорони кишоварзиро фаро гирем.

Мо, инчунин, бо Чин дар бораи рушди ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ ба мувофиқа расидем. Тибқи он, баргузории ҷаласаи навбатии зеркомиссияи байниҳукуматии Ӯзбекистон ва Чин оид ба ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ дар кишвари мо дар соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Рақамикунонии илм ва инноватсия яке аз самтҳои муҳим аст. Дар ин робита, платформаҳои нави электронӣ таҳия шудаанд, ки барои рушди минбаъдаи фаъолияти озмоишгоҳҳои илмӣ, равандҳои тиҷоратикунонии таҳияҳои инноватсионӣ ва ҳамкории байни соҳибкорон ва ҷомеаи илмӣ хизмат хоҳанд кард, – гуфт Асрор Норов.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# «МАН ИН НОМА БАР ДӮСТОН МЕНАВИСАМ!»

***Номи Академик Кароматуллоҳ Олимзода, устоди мусаллами даҳҳо олимони шинохта, шоирону нависандагони барҷаста, алалхусус, пажӯҳишгарони нусхаи хаттӣ дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ниёз ба муаррифӣ надорад.***



Аз он, ки банда яке аз кучактарин шогирдони эшон дар таҳқиқи мероси хаттии форсию арабӣ, бозхонӣ, тартиб ва танзими дастнависҳои ниёгон ҳастам, меболам. Тӯли ин понздаҳбист соли охир, ҳарчанд мо аз ҳам дур будем, эшон фурсат ёфта, гоҳо ҳузуран ва бештар аз тариқи маҷозӣ бо машварату маслиҳатҳои олимона, огоҳона ва инсондӯстонаи худ, дар мӯшикофиҳои маъонии дастнависҳои бузургони гузашта маро ҳидояту раҳнамоӣ менамоянд.

Устод Олимзода на танҳо дар таҳқиқи мероси мактуби ниёгон, балки дар пажӯҳишҳои фалсафӣ, таърихӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва дигар ҷанбаҳои илм низ садҳо шогирдони дигар доранд. Мавсуф аз олимони шинохтаи Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошанд. Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва узви Иттифоқи байналмилалии журналистон ҳастанд.

Таҷрибаи эшон дар пахшу густариши илми таърих, сиёсатшиносию фарҳангшиносӣ, таърихи фалсафаи тоҷик бо нашри китобу рисолаҳо ва суханрониҳо дар Ню-Йорк, Париж, Тошканд, Теҳрон, Истанбул, Деҳлӣ, Бразилия, Маскав, Киев, Боку ва дигар нуқоти олам мондагор ва басе арзишманд аст. Эшон соҳиби осори мутааддиди илмӣ, ҷомеъашиносӣ, адабӣ ва фарҳангӣ буда, дар вазифаҳои баланди давлатӣ низ ифои вазифа кардаанд.

Олимзода дар тайи 12 соле, ки вазифаи раёсати «Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба корҳои ЮНЕСКО»-ро бар ухда доштанд, барои ба феҳристи ҷаҳонӣ ворид намудани ганҷҳои маънавӣ ва моддии «Шашмақом», «Саразм», «Боғи миллии Тоҷикистон» ва лоиҳаи «Душанбе – шаҳри сулҳ» саҳми арзанда гузоштанд. Ба фазли кӯшишҳои эшон ва шогирдонашон «Консерваторияи миллии Тоҷикистон», «Коллеҷи хореографии Тоҷикистон» аз нав таъсис ёфтааст. Хизматҳои шоёнашон дар «Эҳёи балети тоҷик» низ назаррас аст.

Олимзода соли 2002 аз ҷониби «Федератсияи ҷаҳонии сулҳ ва ризоият (ИМА)» ба унвони «Сафири сулҳ» сазовор шудаанд. Номи муборакӣ эшон солҳои 2003 ва 2005 аз тарафи «Институти биографии ИМА» ба рӯйхати «500 нафар шахсиятҳои маъруфи илмӣ ва ҷамъиятии ҷаҳон» сабт гардидааст.

Бо сарварии бевосита ва иштироки академик Олимзода нахустин китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» дар ҳашт ҷилд ва ҳафт китоб ба забонҳои тоҷикиву русӣ чоп шудаанд, ки дар доираҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ баланд арзёбӣ гардидаанд. Устод узви ҳайати таҳририяи чандин маҷаллаи илмии дохилӣ ва хориҷиянд. Инчунин узви шуроҳои диссертатсионӣ, узви Раёсати «ҶДРФ Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ» мебошанд. Солиёне чанд раиси «Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон – Покистон» буданд ва ҳоло раёсати «Анҷумани дӯстии Тоҷикистон – Эрон»-ро бар ухда доранд.

Чун эшон аз дудмони аҳли илму адаби тоҷик, поягузорони адабиёти таҷаддуд Зуфархон Ҷавҳаризода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода ва дигар адабмардони Истаравшан мебошанд, дар ҷодаи чакомасароӣ, офаридани ғазалу дигар анвоъи шеър, хосса, «илми арӯз»-и тоҷик, «ҳисоби абҷад» ва таърихкушоӣ мақоми устодӣ доранд. Муаллифи маҷмуаҳои ашъоре таҳти унвони «Паёми садоқат», «Навои меҳр» «Гаҳвораи ишқ» ва чандин манзумаву китобҳои назмӣ мебошанд. Эъзозу икроми бузургони гузашта ва эҳёи мероси мактуби эшон аз мавзӯъҳои рукнии эҷодиёти ӯянд:

***

*Вафодор шогирди Ҷомӣ - Навоӣ,*
*Бузурге ҳақиқиқатбаён менависам.*
*Чу тоҷики покизагавҳар буд Айнӣ,*
*Варо гавҳар аз Ғиждувон*
*менависам.*
*«Тузукот»-и Темур агар хондаӣ,*
*Насиҳатгари дӯстон менависам.*
*Ҳамон «Шашмақом»-у*
*«Дувоздаҳмақом»,*
*Мақоми баландошён менависам.*
*Шиори ҳама тоҷикон дӯстист,*
*Ман ин нома бар дӯстон*
*менависам!*

(Порае аз манзумаи «Ба Ватандор», аз китоби «Гаҳвораи ишқ»).

Ба аксар шеърҳои устод ҳофизон ва бастакорони дохиливу хориҷӣ оҳанг баста, он сурудҳоро замзама мекунанд. Бархе аз шеърҳои эшон чун «Суруди миллӣ» байни мардум машҳуранд ва ҳифз шудаанд. Васфи ишқ, Ватан, модар, ҷаҳду ҷадал, ахлоқи ҳамида, ҷавонмардӣ, қаноат, сабр, хулоса «сафои ботин» дар меҳвари мавзӯоти манзумаҳои устод Олимзода қарор доранд. Аз қироати силсилаи ашъори ӯ таҳти унвони «Ёди Устод Мирзо Турсунзода» бармеояд, ки вай яке аз пайравони ростини роҳи дурахшони устод Турсунзода буда, дар мактаби суханварии Устод Айнӣ, Лоҳутӣ ва дигар бузургони илму адаби тоҷик обу тоб ёфтааст.

Чанд чакомаи устод Кароматуллоҳ Олимзодаро пешкаши хонандагони «Овози тоҷик» намуда, ба устод саломатӣ ва дар фаъолияти илмию адабияшон барору муваффақиятҳои тоза орзумандем.

**Файзхоҷа МАҲМУДОВ,**
**сарходими Институти таърихи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

### ЗИНДА БОД

*Ҷашни Истиқлолу халқи сарбаландам*
*зинда бод,*
*Ишқи шӯрангезу қалби дардмандам*
*зинда бод...*
*Кӯҳсори ганҷбору сарзамини файзбор,*
*Рӯдҳои масти чун аспи самандам*
*зинда бод.*
*Обҳои чашмаҳои софи ҷонбахши*
*Ватан,*
*Бо суруди обшори дилписандам*
*зинда бод.*
*Коми моро аз азал бо шеър чун*
*бардоштанд,*
*Бо забони тоҷикии ҳамчу қандам*
*зинда бод.*
*Пойтахтам гашт шаҳри сабзу ишқу*
*боғи гул,*
*Ин тарабгоҳи бузурги арҷмандам зинда*
*бод.*

### ДУОИ ПАДАР

*Калиди саодат ризои падар,*
*Бувад тӯшаи раҳ дуои падар.*
*Дил орому хушнуд бошад мудом,*
*Касе карда хидмат барои падар.*
*Хилофи падар ҳар кӣ роҳе гирифт,*
*Наёбад фурӯғу сафои падар.*
*Фаромӯш ҳаргиз макун, эй писар,*
*Ба ҳар ҷо, ки ҳаст ошнои падар.*
*Накӯному боор фарзанди хуб*
*Бувад мақсаду муддаои падар.*
*Шавад хору маҳрум аз обрӯ,*
*Писар гар насозад вафои падар.*
*Бикӯш, эй писар, вақти беморияш*
*Шавӣ то ба дардаш давои падар.*
*Ҳар он к-ӯ ба илму ҳунар шуд писанд,*
*Шавад вориси босазои падар.*
*Чу фарзанд маҳбуби мардум бигашт,*
*Шавад ифтихору бақои падар.*

АЗ СИЛСИЛАИ «ЁДИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА»

### НАСИҲАТ

*Умр чун дорад гузар, дар фикри ҷому бода*
*бош,*
*То шавӣ инсон, миёни мардуми озода*
*бош.*
*Гар бихоҳӣ фатҳ созӣ қуллаи одамгарӣ,*
*Пайрави шеъру суруду роҳи Турсунзода*
*бош.*

### ЁДИ УСТОД ТУРСУНЗОДА

*Шаб зи чашмам чун ситора хоб дур*
*афтода буд,*
*Дар барам маҷмӯаи ашъори Турсунзода*
*буд.*
*Мавҷи рӯду обшори кӯҳсор омад ба ёд,*
*Шоири мо, ки ба ин обу ҳаво дил дода буд.*
*Ёдам омад он сафар, ки ман ба Покистон*
*будам,*
*Чун сухангӯйи ватан аз сулҳу аз ирфон*
*будам,*
*Номи Турсунзода чун бо сулҳ омад бар*
*забон,*
*Шоҳиди кафкӯбию хушҳолии ёрон будам.*

*Меҳри Турсунзода дар дилҳои мардум ҷо*
*шудаст,*
*Сулҳхоҳонро чу рамзи сулҳ дар дунё*
*шудаст,*
*Бар чунин мардон ҷаҳон дорад ниёзи*
*бештар,*
*Чунки ғурзи ҷанг дар ҳар гӯшае эҳё шудаст.*
*Рӯҳи Турсунзодаро бо сулҳ бояд шод кард,*
*Хонаро бо меҳру бо ишқи Ватан obод кард,*
*Бахри тоқи ҳар бино аз одаму одамгарӣ*
*Шеъри ваҳдатофари миллатвафо эҷод*
*кард.*

***Дар яке аз майдонҳои шафати Регистони шаҳри Самарқанд чорабинии бошукӯҳ баргузор гардид.***
***Ин чорабинӣ дар пайи Ҷашнвораи байналмилалии «Кашидадӯзии ироқӣ» ва ҷашнвораи миллии «Ҷилои кашидадӯзии абрешим», воқеъ дар шаҳри бостонии Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё, дар доираи маросими тантанавии пӯшидашавии ярмаркаи тиҷоратии «ROAD BOZAAR»-и Самарқанд доир гардид. Гуфта шуд, ки дар шаҳри Самарқанд баргузории намоишгоҳи ҳунармандии «Роҳи абрешим» дар арафаи маросими ба ин шаҳр додани мақоми «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарманд» сурат гирифт. Ин мақом аз ҷониби Шӯрои ҳунармандии ҷаҳонӣ (WCC) ба шаҳрҳои ҷаҳонии ҳунарманд дода мешавад.***

# БА САМАРҚАНД МАҚОМИ «ШАҲРИ ҶАҲОНИИ ҲУНАРМАНДОН» ДОДА ШУД




Дар маросими ифтитоҳи он президенти Шӯрои ҷаҳонии ҳунарманд Саъд Ҳанӣ ал-Қаддумӣ, раиси Иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и Ӯзбекистон Р. Мирзоаҳмедов, муовини ҳокими вилояти Самарқанд Р. Қобилов ва ҳокими шаҳри Самарқанд Ф. Умаров иштирок карданд.

Ба гуфтаи иштирокчиёни маросим Шӯрои ҷаҳонии ҳунарманд қаблан ба шаҳрҳои Кӯқанд, Бухоро, Марғилон, Риштон, Шаҳрихон ва Шаҳрисабз мақоми «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарманд»-ро додааст, ки боиси ифтихору сарфарозиҳо мебошад.

– Ман ба ҳайси раиси Шӯрои ҷаҳонии ҳунарманд бори нахуст дар Самарқанд ҳастам. Ин шаҳр таваҷҷуҳи мардуми оламро ба худ кашидааст ва ба ин далел сайёҳони зиёд аз чаҳор гӯшаи он ба ин шаҳр сафар мекунанд ва бо як олам таассурот ба ақиб бармегарданд. Ҳоло, ки дар як фазои мутантан қарор дорем, аз номи аъзои ҳайати Шӯрои ҷаҳонии ҳунарманд самимона маъмурият ва бошандагони шаҳри Самарқандро бо мақоми баланд – «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарманд» табрику шодбош мегӯям, – гуфт Саъд Ҳанӣ ал-Қаддумӣ.

Вай изофа намуд, ки пазируфта шудани шаҳрҳои Ӯзбекистон, аз ҷумла Самарқанди куҳанбунёд, имкониятҳои наверо барои сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва содироти маҳсулоти ҳунармандии маҳаллӣ ба бозорҳои байналмилалӣ фароҳам меоварад.

Ба гуфтаи раиси Иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и ҷумҳурӣ Расулҷон Мирзоаҳмедов ташкилоти онҳо соли 2019 ба Шӯрои ҷаҳонии ҳунармандон пазируфта шудааст ва аз ҳамон сол ҳамкориҳо дар заминаҳои мухталиф беш аз пеш бо ин созмон доман фарох мекунанд.

– Бешубҳа, узвияти мо ба ин созмони ҷаҳонӣ барои ҳунармандонамон дари имкониятҳои зиёдро васеъ кушодааст ва онҳо метавонанд дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ, озмунҳои гуногун ва барномаҳои ҳамкорӣ фаъолона иштирок кунанд. Самарқанд ҳафтумин шаҳри Ӯзбекистон аст, ки ба ин мақоми бонуфуз ноил шуд, – изҳор намуд Р. Мирзоаҳмедов.

Ҷаноби Саъд Ҳанӣ ал-Қаддумӣ дар доираи ин ташриф бо мақомоти вилояти Самарқанд низ дидору гуфтугӯ анҷом дод. Дар мулоқот масъалаҳои рушди бахши ҳунармандӣ, ҳифзи анъанаҳои миллии ҳунармандӣ ва густариши ҳамкории байналмилалӣ таҳти баррасӣ қарор дода шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*САМАРҚАНД.*

## Ба муносибати 115-солагии Сотим Улуғзода

***Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Сотим Улуғзода имсол 115-сола мешавад. Зодаи деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангон дар адабиёти асри XX тоҷик чун нависанда, мутарҷим, драманавис ҷойгоҳи махсуси худро соҳиб гаштааст.***

***Аз асарҳои мондагори устод «Субҳи ҷавонии мо» мебошад, ки ин повест аз даврони кӯдакӣ то навҷавонии адибро чун асари тарҷимаиҳолӣ фаро мегирад ва дар фасле аз он чӣ гуна бори аввал бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ошно гардидани нависанда ва аз аввалин дидорҳояш бо Устод Садриддин Айнӣ бо ҳаяҷон ва таҳайюр нақл карда мешавад. Ба ин далел ҳоло барои хонандагони мӯҳтарам ин фасли асарро, ки «Айнӣ» ном дорад, бо баъзе ихтисорот пешкаш менамоем, ки дар арафаи 102-солагии «Овози тоҷик» армуғони шоистае низ мегардад.***

***«ОВОЗИ ТОҶИК».***

# АЙНӢ

Аввалин газетаро дар забони модарии худам ман дар дорулмуаллимин хондам. Ин газета «Овози тоҷик» буд, ки дар Самарқанд мебаромад. Аз шумораи аввалини газета ба дорулмуаллимини мо фақат як нусха омада буд, мо онро дар давоми чандин рӯз даст ба даст дода хондем. Забони газета ба ман монанди шеърҳое, ки модарам аз Хоҷа Ҳофиз мехонд, ширин ва зебо менамуд. Пештар ман гумон мекардам, ки бо чунин забон фақат китобҳои кӯҳнаро навиштаанд ва дар замони мо касе бо ин забон гуфтугӯ намекунад ва наменависад. Аммо акнун медидам, ки шиносони худам бо ин забон менависанд ва ҳатто гуфтугӯ ҳам мекунанд: ду нафар аз муаллимони мо яке самарқандӣ ва дигар хуҷандӣ, ба «Овози тоҷик» мақолаҳо менавиштанд.

Таронаҳои навро ҳам ба забони модарии худам ман аввалин бор дар он ҷо шунидам. «Интернатсионал»-ро, ки мо дар интернати Тӯс ба забони ӯзбекӣ месурудем (ба мо онро Азиз Карим ёд дода буд), ба тоҷикӣ дар дорулмуаллимин ёд гирифтам. Баъзе талабагони самарқандӣ сурудеро мехонданд, ки ҳам суханҳояш ва ҳам оҳангаш дилро ба туғён ва рӯҳро ба ҳаяҷон меовард:

*Эй ситамдидагон, эй асирон,*
*Вақти озодии мо расид!*
*Муждагонӣ диҳед, эй фақирон,*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид!*

Мо ба хондани ҳикоя, повест ва романҳо одат накарда будем – дар забони мо ин чизҳо набуданд; ба кино ва театр ҳам ба сабаби бепулӣ фақат аҳён-аҳён мерафтем ва равем ҳам он қадар завқ намебурдем, зеро ки забони русиро намедонистем. Барои мо хизмати ин ҳама ғизои рӯҳӣ ва истироҳати маданиро тарона адо мекард. Мо онро нағз медидем ва дар ҳама ҷо: дар кӯча ҳам, дар хобгоҳ ҳам, дар маҷлис ҳам месурудем. Бештарини талабагон дафтари таронаҳо доштанд – ҳар таронаи навро ба он навишта мегирифтанд. Гуфтан мумкин аст, тарона ё ашулае набуд, ки каму беш паҳн шуда бошаду мо онро надонем. Тақрибан ҳар як шеъри ба дастамон афтода ва маъқулшударо албатта ба ягон оҳанги ба худамон маълум дароварда месурудем. Шеъри машҳури Лоҳутӣ «Ту к-андар базми васлӣ, дарди ҳиҷронро чӣ медонӣ?» аввалин бор дар дорулмуаллимини мо аз тарафи пионерон ба оҳанги тарона даровардa шуд.

Мо ташнаи китоб будем. Муҳобот намешавад агар гӯям, ки ҷаври бекитобӣ барои мо аз ҷафои тангии хонаву ҷо ва норасоии сару тан ҳам ҷонкоҳтар буд. Китобҳои кӯҳна ҳастанд, лекин онҳо ё дастраси мо набуданд ё ки мо ҳоло онҳоро хонда наметавонистем. Кошкӣ ба забони модарии мо ва бо хати чопӣ ҳикояте, қиссае, достоне (бо истилоҳи имрӯза повесте ё романе) мебуд, ки мо мехондем!

Як нафар талабаи кӯлобӣ, ки саводи кӯҳнаи хубе дошт, аз кимкуҷо «Муш ва гурба»-и Убайди Зокониро ба даст оварда буд, як рӯз ба мо аз он порчаеро хонда доду ба бало монд: мо ҳар рӯз ба гирдаш ҷамъ шуда ӯро «ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ» китоб хононда безор мекардем. Оқибат китобашро гум карду аз мо халос шуд.

Ана дар ҳамин вақт дар газетаи «Овози тоҷик» ҳикояте бо сарлавҳаи «Одина ё саргузашти як тоҷики камбағал» чоп шуда баромад. Ҳикоят давомнок буд, мо ҳама ба газета ҳамчун гуруснагоне, ки ба хӯроки муфт расида бошанд, дарафтидем. Газета ба дорулмуаллимин ду-се нусха беш намеомад, бинобар ин мо онро талош карда мехондем ва баъди хондан бесаброна ба шумораи оянда – ба давоми ҳикоя нигарон мешудем. Бисёр вақтҳо чунин манзараеро мушоҳида кардан мумкин буд, ки дар хобгоҳ пашша пар намезанад ва талабагони ҷомаҳои алочаи пахтанок дар бар ва баъзе ҳатто салла бар сар рӯи каравотҳои худ нишаста сар ба мутолиа фуруд овардаанд: онҳо «Одина»-ро мехонданд.

Дертар ин ҳикоят китобчаи алоҳида шуда аз чоп баромад. Дар рӯи муқоваи он чунин тасвире буд: чӯпони кӯҳистоние салла бар сар ва таёқи чӯпонӣ дар даст рӯи харсанге нишастааст ва дар гирду пеши ӯ гӯсфандон мечаранд. Ман, ки дар газета фақат баъзе қисмҳои ин ҳикоятро хонда будам, ҳоло имконият доштам онро аз як сар мутолиа кунам.

Китоб аз саҳифаҳои аввалинаш сар карда маро ба худ мафтун кард. Ман он гуна суханҳои зебои хушоҳангро пеш аз он ҳеҷ нахонда ва нашунида будам. Аз варақҳои китоб гӯё мусиқии ҷозибадоре садо медод, гумон мекардам, ки дар ин ҷаҳон ҳеҷ чизи форамтару зеботар аз забони тоҷикӣ нест. Ман бисёр ҷоҳои «Одина»-ро саҳифа-саҳифа ба дафтарам кӯчонда аз ёд мекардам.

Ҳар гоҳ ки кас як китоби нағзро мехонад, фикру хаёлаш беихтиёр ба сӯи нависандаи он равона мешавад. Мо хонандагон дидани эҷодкунандаи «Одина»-ро орзуманд будем. Хаёл мекардем, ки вай бояд як шахси хориқулодда бошад.

Дертар, вақте ки китоби нави ин нависанда ва олим «Намунаи адабиёти тоҷик» аз чоп баромад, ҳусни таваҷҷуҳи мо нисбат ба он шахс боз ҳам зиёд шуд. Дар варақҳои аввалини китоб акси нависанда ва боз ду сурати дигарро дарҷ карда буданд: аз сурати якум ба хонанда шахси миёнсоли ҷафодидае нигоҳ карда меистод; дар сурати дуввум мо тахтапушти маҷрӯҳи хуншореро мушоҳида кардем, ки гӯё пӯсташро канда гӯшташро пора-пора бурида гирифта буданд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

### Ҳангоми истисқо

Оби барги турб барои табобати истисқо (дар шикам ҷамъ шудани об) муфид аст.

### Ҳангоми газидани саг

Ҳангоми газидани саг (вақти газидани мор ҳам) сирпиёзро майда карда, ба хокистари ток ҳамроҳ мекунанд ва бо сирко омехта намуда, ба ҷои захм мемоланд.

### Барои нобуд кардани микробҳои рӯда

Равғани хардале, ки дар таркиби шалғамча (редиска) мавҷуд аст, микробҳои рӯдаро нобуд карда, захмҳои маддадорро бартараф менамояд.

### Ҳангоми захмҳои рӯда

Агар мағзи бодоми ширинро мунтазам истеъмол намоед, захмҳои рӯдаро шифо мебахшад.

### Барои тоза кардани рӯда

Барои тоза кардани рӯда баъзан ба об 1 қошуқча сода илова карда, ҳуқна (клизма) мекунанд.

### Барои беҳтар кардани фаъолияти рӯдаҳо

Агар ҳозима хуб кор накунад ва шикам дам дошта бошад, 10 грамм барги исфаноҷ (исмалоқ)-ро дар як истикон об ҷӯшонида бинӯшед, кори рӯдаҳо муътадил шуда, дами шикам камтар мегардад.

### Ҳангоми дарди рӯда

Агар ҳар рӯз 3 грамм тухми зағирро хоида хӯред, дардҳои рӯдаро рафъ мекунад.

### Ҳангоми бод доштани шикам

Агар баргҳои сабзи сирпиёзро истеъмол намоед, ихтилоҷ (спазма)-и рӯда ва дами шикам бартараф мешавад. Дар энтероколити музмин низ муфид аст.

### Дар бемориҳои дохилӣ

Ҳангоми ихтилоҷи роҳи меъдаву рӯда, қабзият, афзудани туршии меъда, зардпарвин, бемориҳои санги талха ва гурда, бавосир, инчунин ҳангоми вайрон шудани ҳайз, нӯшобаҳои пудина (ҳулбӯ) тавсия дода мешавад.

### Ҳангоми дарунравӣ

Нӯшобаи меваи санҷид барои дарунравии кӯдакон, бемориҳои роҳҳои нафас ва меъдаву рӯда тавсия мегардад.

### Ҳангоми сахтшавии дарун

Агар решаи арпабодиён ва тухмашро якҷо ҷӯшонида бинӯшед, дарунро сахт мекунад.

### Ҳангоми арақкунӣ

Ҷӯшоби хуч (настаран, наматак) дар баробари дигар намудҳои бемориҳо, барои табобати арақкунӣ ва «арақкунии дохилӣ» низ муфид аст. Ба зарфи пӯшидаи сирдор 2 истикон об рехта, ба он 1 қошуқ меваи кӯфтаи хуч илова мекунанд. Онро 10 дақиқа ҷӯшонида, баъд 10–15 соат дамашро мебароранд.

Баъд аз дока гузаронда, рӯзе 3 маҳал ним истиконӣ, дар давоми 10 рӯз нӯшида мешавад.

### Ҳангоми беиштиҳоӣ

200 грамм исмалоқи тару тоза, 2–3 дона бодиринг, 1–2 дона помидор, 2 дона тухми ҷӯшонидашуда, 1 пиёла қаймоқ, як банд пиёзи сабз, шибит ва кашнич, мувофиқи табъ намак мегиред. Исмалоқро майда реза мекунед, бодиринг, помидор, пиёзи сабз, шибит, кашнич ва тухмро пора карда, ба ҳам меомезед. Баъд намак ва қаймоқ андохта омехта мекунед. Ба табақчаҳо гирифта, оро медиҳед ва рӯйи дастархон мегузоред.

Агар чунин салатро истеъмол кунед, иштиҳоятон кушода мешавад, ҳазми таом осон мегардад ва аз сустиву бемадорӣ халос мешавед.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**

# АЙНӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аз муаллимони худ фаҳмидем, ки бо ҳукми амири Бухоро ҷаллодони ӯ ба пушти Айнӣ ҳафтоду панҷ чӯб зада будаанд ва ин ҷароҳати даҳшатнок осори ҳамон зарбаҳои хунин будааст. Ба пеши назари мо як риёзаткаши кори халқ ва маорифи халқ, коре, ки онро мо, муаллимони оянда, бояд иҷро менамудем, арзи вуҷуд кард.

Ман аввалин бор Садриддин Айниро тирамоҳи соли 1928 дар конференсияи забоншиносӣ дидам. Дар он вақт ман дар курси охирини дорулмуаллимин мехондам ва бо ҳамроҳии як гурӯҳ талабагон дар конференсия иштирок кардам. Анҷуман дар бинои нави дорулмуаллимин, дар толори бошукӯҳе, ки тирезаҳои баландаш ба боғ кушода мешуданд, барпо шуда, лоиҳаи алифбои нав ва масъалаҳои забони адабии тоҷикро муҳокима мекард.

Ба анҷуман аз Душанбе, Хуҷанд, Самарқанд, Бухоро ва шаҳрҳои дигар олимон, адибон, ходимони матбуот ва нашриёт, муаллимон омада буданд. Гуфтанд, ки Айнӣ ҳам меояд. Ҳама дар зал ҷамъ шуда буданд, мо талабагон бошем, даромадгоҳро пур карда ба омадани Айнӣ интизорӣ мекашидем.

Ниҳоят Айнӣ ҳамроҳи якчанд вакилон, дар ҳолате, ки бо як нафари онҳо гарму ҷӯшон гуфтугӯ мекард, ба бино дохил шуд. Вай як шахси миёнақади босалобат буда, риши кӯтоҳи мошу биринҷ дошт ва ба сараш тоқии сабзи махмалин, ба танаш палтои сабуки сиёҳ пӯшида буд. Мо ӯро аз рӯи сурати дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дарҷшудааш зуд шинохта, дар баробари намоён шудани ӯ қарсак задем. Зоҳиран, устод мунтазир набудааст, ки вайро чунин истиқбол хоҳанд кард, бинобар ин, аввал ба кӣ ва барои чӣ қарсак задани моро нафаҳмида андак саросема шуда монд, аммо вақте ки ба худаш нисбат доштани чапакзаниҳои моро донист, ба ҳаяҷон омада, даст бар сина гузошта ва сар ҷунбонида изҳори ташаккур намуд.

Конференсия сар шуд. Айнӣ дар президиум нишаста буд, мо аз вай чашм намекандем. Дар қиёфаи ӯ, дар муомилаи ӯ бо дигарон ҳеҷ гуна осори такаббури «бузургворона» мушоҳида карда намешуд ва ҳол он ки мо, хонандагони китобҳои Айнӣ, ӯро одами бокарруфар ва «сипоҳ» тасаввур менамудем. Чашмони зираки вай ба ҳама кас ва ҳама чиз диққаткорона нигоҳ мекарданд.

Дар музокираҳо ба ӯ сухан доданд. Вақте ки қарсакҳо хомӯш шуданд, Айнӣ аввал оромона ва бо овози паст ба сухан даромад, аммо ба зудӣ аз вай ҳаракатҳои асабиёна ба зуҳур омада, нутқаш пуршӯр ва тезу тунд шудан гирифт. Худи Устод ҳам инро ҳис карда узр хост, ки: ман одами асабӣ ҳастам ва ин асабияти ман натиҷаи ҳафтоду панҷ чӯби амир ва бемориҳои пас аз он рӯйдода мебошад, бинобар ин ман дар маҷлисҳо тавре гап мезанам, ки гӯё бо касе даст ба гиребон шуда истода бошам.

Ба муҳокимаи конференсия ду лоиҳаи алифбои нави ба ҳуруфоти лотинӣ асосёфта пешниҳод шуда буд. Тартибдиҳандагони лоиҳаи якум таклиф мекарданд, ки овозҳои ҷудогонаи ба мисоли баъзе алифбоҳои Европаи Ғарбӣ бо ду-се аломат (ҳарф) ифода карда шаванд, ки ин, ба фикри онҳо, алифбои нави моро «зебо» ва «маданӣ» карда, ба вай тамомият мебахшид. Лоиҳа боиси тааҷҷуб ва эродҳои ҷиддӣ гардид.

Айнӣ «далел»-и тартибдиҳандагони лоиҳаро бо истеҳзои талх ва суханҳои нешдор рад кард. Сухани ӯ ба ин мазмун буд:

«Алифбои навро мо бо чӣ мақсад қабул мекунем? Барои «зебо»-и онро тамошо карда завқ бурдан ё халқро зудтар босавод кардан? Агар мақсади шумо алифбои «зебо»-ро тамошо карда завқ бурдан бошад, марҳамат карда аз тамошои алифбоҳое, ки шумо аз онҳо намуна гирифтаед, завқ бурдан гиред. Мо бошем, толиби алифбои оддӣ ва осон мебошем, то ки халқамон ба воситаи он тезтар савод барорад. Ба фаҳми мо, «зебоӣ», «маданият» ва «тамомият»-и алифбо дар он аст, ки бачагон онро ҳар чи осонтар ёд гиранд ва халқи тоҷики мо ҳар чи зудтар саводнок шавад. Як сабаби аз алифбои кӯҳнаи арабӣ даст кашидани мо ин аст, ки он душвор ва мураккаб буда, ёд гирифтанаш вақти бисёр талаб мекард. Шумо бошед, зоҳиран, бо баҳонаи хандаовари «маданият» ва «тамомият» мехоҳед ҳамон душворию мураккабиро дар алифбои нав ҳам нигоҳ доред».

Бештарини иштироккунандагони конференсия ҳар замон чапак зада бо нотиқ ҳамфикр будани худро изҳор менамуданд.

Нависандаи номии мо дар конференсия боз як бор ба нутқ баромада, дар бораи асосҳои забони адабии тоҷик сухан ронд.

Якчанд зиёиёни кӯҳнаи адабиётшинос шӯру ғавғо андохта талаб мекарданд, ки забони адабиёти қадимаи ҳазорсолаи мо бояд ҳамчун забони адабии имрӯзаи тоҷикон қабул карда шавад. Аз ин мебаромад, ки мо бояд газета, журнал ва китобҳои худамонро, ки на барои як мушт «шахсони зубда», балки барои тамоми халқ бароварда мешаванд, бо забони китобҳои кӯҳна нависем. Устод ба муқобили ин хел касон баромад. «Забони адабиёти кӯҳнаро ман аз ҳеҷ кадоми шумо камтар намедонам, – мегуфт вай ба «ҳомиён»-и забони кӯҳнаи адабӣ муроҷиат карда, – аммо он забон кайҳо аз забони зиндаи халқ канда шуда мондааст. Ҳозир онро гирифта забони адабии имрӯза қарор додан кори бемаънӣ ва зарарнок мебуд. Мо бояд ба асоси забони адабиамон забони зиндаи халқро гирифта, вайро бо унсурҳои хуб ва фоиданоки адабиёти кӯҳна ва бо он чӣ ки инқилоб ҳар рӯзу ҳар соат ба забони мо дароварда истодааст, бой кунем. Шумо забони адабии қадима мегӯед, аммо бо ин шумо агар таълифоти ҳар гуна муаллифони динию дарбории шаш-ҳафт асри охирро дар назар медошта бошед, пас донед, ки онҳо арабизм ва услуби мубҳаму тумтароқро аломати донишмандӣ ҳисоб карда, соддагию оммафаҳмӣ, равшании баёнро нишони бесаводӣ ва безавқӣ медонистанд. Забони онҳо забони мурда аст. Аммо забони Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ барин арбобҳои бузурги адабиёти ҳазорсолаи мо гапи дигар аст. Забони асарҳои ин санъаткорони сухан сода, фаҳмо ва халқӣ мебошад. Ана аз ин боигарии мероси кӯҳна мо дар аснои ба вуҷуд овардан ва тараққӣ додани забони ягонаи адабии халқи тоҷик истифода мебарем ва бояд ҳам истифода барем».

Дар вақти танаффус мо, як гурӯҳ талабагони дорулмуаллимин, Айниро миёнагир карда, барои асарҳои аҷоиби устод, ки ҳамаи мо онҳоро бо шавқу ҳаваси тамом хонда будем, ба вай миннатдории худамонро изҳор намудем. Устод бо ҳар кадоми мо гарм-гарм вохӯрӣ карда, моро дар паҳлуи худ ба стулҳо нишонд.

– Мо, талабагон, дар бораи забони адабӣ суханҳои шуморо бо диққат гӯш кардем, – гуфт яке аз рафиқони мо. – Мо бо шумо тамоман ҳамфикр ҳастем, домулло. Агар, масалан, «Одина»-и шуморо гирем, ба фикри мо, забони вай айни ҳамон забони адабист, ки шумо гуфтед.

– «Ман хурсандам, ки ин гапро аз шумо, ҷавонон, мешунавам», – табассум кард устод ва баъди андак тааммул суханашро давом дода гуфт: – «Ҳар касе, ки ба дасташ қалам гирифта чизе менависад ва ё дар пеши халқ баромада нутқ мекунад, хоҳ адиб бошад, хоҳ мухбир, хоҳ мақоланавис, хоҳ коркуни фирқаю шӯро, бояд кӯшиш кунад, ки забони вай ба хонандагон ё шунавандагон фаҳмо бошад. Лекин фаҳмогӣ то фаҳмогӣ фарқ дорад. Баъзе одамон гапам фаҳмо бароят гуфта, бо забони авомони кӯча сухан меронанд ё менависанд. Ин дуруст нест. Забони китоб, мақола ё нутқ бояд содда, лекин соддаи адабӣ бошад. Ман барои ин ки асарҳоям ба халқ фаҳмо бошанд, дар болои забони онҳо бисёр кор мекунам. Ман ба гуфтугӯи одамҳо бо диққат гӯш меандозам ва агар аз онҳо ягон калима ё ибораи нағз, бурро ва пурмаъноро шунида монам, дар хотирам нигоҳ медорам. Вақте ки ман «Одина»-ро менавиштам, дар ҳавлии мо як ҷавони кӯҳистонӣ истиқомат мекард, ман ҳар як боби асарро навишта тамом, ки кардам, ба он ҷавон хонда мешунавондам ва тафтиш мекардам, ки забони асарам ба вай фаҳмост ё не... Лекин шумоён ҳаминро нағз донед, ки агар забони гуфтугӯи имрӯза холису бетағйир гирифта шавад, бо вай китоб навиштан мумкин нест; он забонро бо ғалбери фикр бехта, бо сӯҳони қоида суфта, бо чилбури маънӣ сайқал дода кор фармудан лозим аст. Аз боигарии адабиёти кӯҳна пурра истифода бурдан даркор, инчунин аз лаҳҷаҳои забони тоҷик ҳам мо бояд чизҳои нағзи ҳамафаҳмро гирифта ба забони адабӣ дохил кунем»...

Он рӯз Устод бо мо ҳамин тавр суҳбат кард.

На фақат китобҳои Айнӣ, балки шахсияти вай, ҳаёти аҷоиби вай ҳам ба мо таъсире доштанд ва дар сари мо фикру хаёлҳои наверо бедор мекарданд. Тақрибан ҳар сол як китоби нави Устод нашр мешуд, мо асарҳои ӯро хонда аз саргузаштҳои халқи худ воқиф мешудем ва забони адабии худамонро меомӯхтем.

Дар солҳои баъд ман ба мулоқоти бисёре бо Устод мушарраф шуда, ӯро аз наздик шинохтам. Вай одамонеро, ки дар зиндагонӣ ягон кори фоиданок аз дасташон ояд, дӯст медошт. Дониши Устод, пуркорӣ ва меҳнатдӯстии фавқулоддаи ӯ, ҳофизаи тавонои ӯ дар ҳақиқат ҳайратангез буданд.

Айнӣ якумин муаллим, якумин журналист, якумин шоир ва насрнавис, якумин таърихшинос ва олими советии тоҷик буда, дар охирин солҳои умраш якумин Президенти Академияи навбунёди фанҳои республика гардид.

Аввалин китобҳое, ки ман дар забони модарии худам хондам, китобҳои Айнӣ буданд. Қаҳрамонони асарҳои устод – Одина, Ёдгор, Гулнор дӯстони бачагӣ ва рафиқони ҷавонии мо буданд.

Ин нависандаи бузург ҳам бо китобҳояш ва ҳам бо шахсияти аҷоибаш ба зиндагонии насли мо дохил гардид.




## ХОНИШҲОИ XIV БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИБНИ СИНО

***Дар шаҳри Бухоро «Хонишҳои XIV байналмилалии Ибни Сино» таҳти мавзӯи «Абӯалӣ ибни Сино: тибби муосир ва табобати халқӣ – навовариҳо ва сармоягузорӣ» баргузор гардид.***

Дар ҳамоиш олимон, мутахассисон, тадқиқотчиён, коршиносон аз Ҳиндустон, Чин, Корея, Индонезия, Эрон, Туркия, Италия, Русия, Покистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон иштирок намуда, оид ба аҳамияти мероси илмии Ибни Сино ва нақши он дар рушди тибби имрӯза фикру ақидаи худро баён карданд. Ҳадафи асосии анҷуман аз амиқ омӯхтани мероси илмию тиббии Шайхурраис, вобаста намудани он бо комёбиҳои тиббиёти имрӯз, рушди ҳамкориҳои илмӣ дар табобати халқӣ, таҳкими робитаҳои байналмилалии илмӣ иборат буд.

Дар давоми чорабинӣ баробари эътирофи саҳми олими қомусӣ ба илмҳои тиб, фармакология, анатомия, физиология ва ҳифзи тандурустӣ, аҳамияти ғояҳои илмии ӯ мавриди муҳокима қарор ёфт.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## БАРОБАРИИ ҶИНСӢ – ТАЛАБИ ДАВР

***Ба таври шоиста ҳал намудани мушкилоти рӯзафзуни ҳаёти занону духтарон, таъмини баробарии гендерӣ дар ҷомеа ва бо ҷойҳои кор таъмин намудани бонувон ҳамеша дар мадди назари ҳукумат қарор доранд.***

Муовини Сарвазир, раиси Кумитаи оила ва занону духтарони ҷумҳурӣ Дилнозахон Каттахонова зимни сафари корӣ ба ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё ба фаъолияти идораҳои кор бо занону духтарон таваҷҷуҳ карда, бо гурӯҳе аз фаъолони ин қишри осебпазири ҷомеа дидору мулоқот анҷом дод. Дар ҷараёни чунин дидору мулоқотҳо ба масоили тавозуни занону духтарон дар минтақа тамаркуз гирифта, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Тинчлик» шоҳиди рӯнамоии лоиҳаи нави ҳафтгонаи маҳалла гардид, ки маҳз мавзуи мавриди назар дар меҳвари он қарор дошт.

Дар рафти ин дидор масъалаҳои марбут ба ҳаёти занону духтарон, хусусан, ҳангоми дамҳои хеле мураккаби ҳаёт билфосила дасти кумак дароз намудан, таъмини баробарҳуқуқӣ, бо ҷойи кор таъмин сохтан ва ба соҳибкорӣ ҷалб намудани онҳо муҳокима шуд ва ба намояндагони сохтори кор бо занону духтарони ноҳияи Ғузор маслиҳати муфиде ироа гашт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

*Андешаҳо*

## АДОЛАТ ВА ҚАДРДОНИИ МЕҲНАТ: САВОЛЕ, КИ ҲАНӮЗ ПОСУХ МЕХОҲАД

Соли 2009 дар бораи вазъи ҷомеа ва матбуоти он давра мақолае навишта будам. Солҳо гузаштанд. Замон тағйир ёфт. Ҷомеа дигар шуд. Кишвари мо ба марҳилаи нави рушд ворид гардид. Аммо, баъзе саволҳо ҳастанд, ки бо гузашти вақт аҳамияти худро аз даст намедиҳанд. Имрӯз, пас аз гузашти солҳои зиёд, як порчаи ҳамон мақоларо бори дигар ба ёд оварданро зарур донистам. Дар ҳамон мақола чунин навишта будам:

«Дар маҳалҳо роҳбарон ва кормандони мақомоти масъул ҳангоми иҷрои вазифаҳои хидматии худ барои ба мукофотҳои давлатӣ, унвонҳои фахрӣ ва ё дигар шаклҳои ҳавасмандгардонӣ пешниҳод намудани шахсони алоҳида ҳуҷҷатҳо омода мекунанд. Мутаассифона, на ҳамеша инсонҳои фидоие, ки воқеан ба халқу Ватан содиқона хизмат карда, сазовори эҳтироми мардум гардидаанд, дар мадди аввал қарор мегиранд.

Дар натиҷа, инсонҳое, ки солҳои тӯлонӣ ҳалол меҳнат карда, хоксорона зиндагӣ намуда ва дар ободии Ватан саҳми арзанда гузоштаанд, аз таваҷҷуҳ дур мемонанд. Бар асари сабабҳои гуногун ё манфиатҳои шахсӣ бошад, дигарон ба маркази таваҷҷуҳ мебароянд».

Имрӯз-чӣ? Ба ин савол ҳар кас бар асоси виҷдони худ, таҷрибаи худ ва мушоҳидаҳои худ посух медиҳад.

Зиндагӣ тағйир меёбад. Дар кишвари мо барои таъмини адолат, шаффофият ва боло бурдани қадри инсон ислоҳоти бузург амалӣ мегарданд. Ин раванд, бешубҳа, умеду боварии мардумро ба фардои кишвар бештар мекунад.

Аммо, муваффақияти ҳар як ислоҳот, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки ин ғояҳо дар маҳалҳо то чӣ андоза холисона, одилона ва воқеъбинона татбиқ мешаванд.

Ба андешаи ман, имрӯз бояд дар назди он сокинони Сӯх, ки барои Ватан, барои халқ ва барои истиқлол содиқона меҳнат мекунанд, дарҳои имкониятҳои боз ҳам васеътар кушода шаванд.

Дар байни ҳамзамонони мо инсонҳои зиёде ҳастанд, ки бо меҳнати ҳалол, нияти пок ва фидокории худ дар байни мардум соҳиби эҳтиром гардидаанд. Меҳнати чунин шахсон бояд ба таври шоиста арзёбӣ ва фаъолияти онҳо ба таври одилона эътироф карда шавад.

Ин танҳо барои худи онҳо муҳим нест.

Қадршиносии меҳнати инсон барои насли ҷавон низ як мактаби ибрат аст. Вақте ҷавон мебинад, ки дар ҷомеа меҳнати ҳалол, поквиҷдонӣ ва фидокорӣ воқеан қадр карда мешавад, боварии ӯ ба фардо бештар мегардад. Ӯ мефаҳмад, ки бо меҳнати софдилона, дониш ва садоқат метавон ба қуллаҳои баланд расид.

Зеро дар ҷомеае, ки меҳнати ҳақиқӣ, ҳалолкорӣ ва фидокорӣ қадр мешаванд, эътимоди мардум ба фардои худ меафзояд.

Дар кишваре, ки адолат ҳукмфармо аст, хоҳиши инсон барои меҳнат, созандагӣ ва расидан ба ҳадафҳои баланд боз ҳам қавитар мегардад.

Ва агар меҳнати як инсони заҳматкаш ба таври шоиста эътироф шавад, ин танҳо дастоварди ҳамон инсон нест, ин дастоварди тамоми ҷомеа аст. Зеро қадршиносии инсонҳои арзанда на танҳо адои ҳаққи гузашта, балки сармоягузорӣ баояндаи ҷомеа низ мебошад.

**Камолиддин АЗИЗОВ,**
**журналист.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



## ТӮЙИ СУННАТИИ НАВРАСОН ДАР НОҲИЯИ ПЕШКӮ

***Дар арафаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар Қасри «Афшона»-и ноҳияи Пешкӯ бо ташаббуси Маркази хидматҳои иҷтимоии «Инсон» ва ҳокимияти ноҳия тӯйи суннатии 28 нафар фарзандони 24 оилаи камдаромад ва бепарастор баргузор гардид.***

Дар маросим мутасаддиёни соҳа, собиқадорони меҳнат, ҳомиён, хешу табори тӯйшавандагон ва фаъолони ҷомеа иштирок карданд. Ба суханбаромадагон дар бораи идома ёфтани анъанаҳои неки халқамон аз қабили некию накӯкорӣ, эҳсону саховат, дастгирии эҳтиёҷмандон, қадршиносӣ бо шарофати соҳибистиқлолии мамлакат ҳарф зада, шукронаҳо гуфтанд. Маросим бо барномаҳои рангини дилкаши худ ҷозибадор гузашт. Дар фарҷоми чорабинӣ ба наврасони соҳибтӯй туҳфаҳо супорида шуд. Чунин иқдомҳои хайрия дар шаҳру ноҳияҳои вилоят идома доранд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ҚУВВАИ НЕРУБАХШАНДА ОН АСТ, КИ...

***Агар мо ба воқеа ва ҳодисаҳое, ки дар гирду атрофамон рух медиҳанд — он хоҳ падидаи табиат бошад ва хоҳ рӯйдоди зиндагӣ, бо диққат нигарем, мефаҳмем, ки ҳар яки он танзиму қоидаҳои хоси худро доштааст: пас аз шаб рӯз меояд, пас аз тобистон – тирамоҳ ва пас аз тӯфони шадид ҳатман оромӣ фаро мерасад.***

Агар бачаи ин ё он ҳайвон пас аз таваллуд фавран роҳ равад ё ба давидан сар кунад, ба фарзанди инсон барои ин як-якуним сол лозим мешавад. Барои он ки кӯдак боақлу илмнок шавад солҳои зиёд заруранд.

Ин аксимомаест, ки аз азал чунин офарида шудааст.

Тартиби рӯзгоре, ки ниёгони мо аз қадимулайём ба он пайравӣ мекарданд, низ бар ҳамин асос устувор аст. Зиндагӣ сабру таҳаммул мехоҳад. Агар шитоб кунем, аз ҳад бигзарем ё меъёрро бишканем, дер ё зуд пайомади нохуши онро хоҳем дид...

Рӯзе марде барои сайру тамошо ба дашту адир баромад. Ӯ маҳви тамошои гулу гиёҳҳои зебо буд, ки ногаҳон дар миёни онҳо пиллаи кӯчакеро дид. Пилла дар ҳоли кушода шудан буд. Мард пай бурд, ки ин пиллаи шабпарак аст ва бо худ гуфт: «Шояд чунин фурсат дигар насибам нашавад». Ӯ хост бо чашмони худ лаҳзаи ба дунё омадани шабпаракро бубинад.

Мард ба интизорӣ нишаст. Вақт мегузашт, аммо шабпарак бо вуҷуди талошҳои зиёд аз пилла берун шуда наметавонист. Ба назари мард чунин расид, ки гӯё шабпарак дигар тавони мубориза надорад ва аз кӯшиш даст кашидааст. Ӯ дилаш ба ҳоли шабпарак сӯхт ва тасмим гирифт, ки ба он ёрӣ расонад. Аз ҷайбаш корди кӯчакеро бароварда, сӯрохии пилларо каме васеъ кард. Шабпарак бе ҳеҷ душворӣ аз пилла берун омад.

Аммо ҷисмаш заифу нотавон ва болҳояш чинхӯрдаву беқувват буданд. Мард бо умед ба он менигарист. Гумон мекард, ки ҳоло болҳояш тадриҷан боз мешаванд, қувват мегиранд ва шабпарак ба парвоз медароянд.

Вале чунин нашуд.

Шабпарак боқии умрашро бо ҷисми заиф ва болҳои нотавонаш рӯйи замин хазида гузаронд. Ҳарчанд талош кард, аммо натавонист парвоз кунад. Мард, бо вуҷуди нияти нек ва хоҳиши ёрӣ расондан, як ҳақиқати муҳимро намедонист: муборизаи шабпарак барои берун шудан аз он сӯрохии танг як қисми зарурии офариниши ӯ буд. Маҳз ҳамин талош ҷисми ӯро маҷбур мекард, ки неру ва моеъи заруриро ба болҳояш равона созад. Танҳо пас аз гузаштан аз ин душворӣ болҳои шабпарак қувват мегирифтанд ва барои парвоз омода мешуданд.

Он мард, вақте ин ҳақиқатро дарк кард, сабақе гирифт, ки то охири умр аз хотираш нарафт: баъзан душвориҳо ва машаққатҳо барои зиндагии мо заруранд. Агар роҳи зиндагӣ ҳамеша ҳамвор мебуд ва мо бе талошу мубориза ба ҳар чизе, ки мехостем, мерасидем, ба як маъно нотавон мемондем ва аз рушду пешрафт боз меистодем.

Зеро баъзан маҳз он чизе, ки роҳи моро душвор мекунад, ба мо неруи парвоз мебахшад.

**Набия НОДИРОВА.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 2046. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.